## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст (ш. Душанбе, 2026 сол).**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз масъалаҳои марказӣ ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки дар раванди демократикунонии ҷомеа, ҷавобгарии ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҷазо, балки ҳамчун кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои инсон баррасӣ мешавад. Дар низоми ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавқеи назаррасро ҷавобгарии ҷиноятӣ ишғол менамояд, зеро ин падида таҷрибаи васеъи таърихиро фаро гирифта, айни замон дар тамоми давлатҳо дорои қонунгузории мукаммали кодификатсионӣ мебошад. Имрӯз тамоми давлатҳо бар он кӯшиш доранд, ки таҷрибаи татбиқи ҷавобгарии ҷиноятиро дар худ мукаммал ва устувор намоянд, ки чунин равиш бе анҷом додани таҳқиқоти маҷмуию мукаммали илмӣ ғайриимкон аст. Бо назардошти ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқ Шодизода Н.М. дар мавзуи

«Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» аз мубрамияти баланди илмию амалӣ бархурдор аст.

Таҳқиқоти мазкур кӯмак менамояд, ки сарҳади байни ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ, интизомӣ, маданӣ ва дигар намудҳои ҷавобгарӣ ба таври илмӣ асоснок карда шавад. Пайдоиши намудҳои нави кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва ҷиноятҳои фаромиллӣ, аз қабили киберҷиноятҳо, терроризми байналмилалӣ тақозо менамояд, ки табиати ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз нигоҳи нав таҳқиқ карда шавад. Таҳқиқи илмии ин масъала барои такмили қонунгузории миллӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ва мутобиқ кардани он ба стандартҳои байналмилалӣ заминаи муҳимми илмию амалӣ мегузорад.

Дар марҳилаи кунунии рушди давлатдории миллӣ, таҳқиқи назариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии консепсияҳо ва қонунгузории миллӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад. Ин зарурати муайян кардани роҳҳои нави самаранокии мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ, аз он ҷумла шакли вазнини зуҳурёбии он ҷинояткориро тақозо мекунад. Сиёсати мазкури ҳуқуқӣ на танҳо ба татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҷазо, балки ба ислоҳи ҳуқуқвайронкунанда, пешгирии дигар ҳуқуқвайронкуниҳо нигаронида шудаанд. Чунин натиҷаро танҳо дар заминаи анҷом додани таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба даст овардан мумкин аст. Мавриди зикр аст, ки айни замон дар Тоҷикистон лоиҳаи Кодекси ҷиноятии нав мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дорад, ки анҷом додани таҳқиқоти умуминазариявии институти ҷавобгарии ҷиноятиро боз ҳам мубрам мегардонад. Дар ин хусус муҳаққиқ қайд намудааст, ки «лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ дорои паҳлуҳои мусбӣ ва манфӣ мебошад. Зеро аз як тараф бисёре аз меъёрҳо, мазмун ва сохтори он мувофиқ ба талаботи замони муосир нав карда шудаанд. Аммо аз тарафи дигар баъзе меъёрҳои он ҳанӯз ба такмилдиҳӣ ниёз доранд. Бинобар ин, беҳтар аст, ки пеш аз қабул гардиданаш хуб мавриди омӯзишу такмилдиҳӣ қарор гирифта, сониян ҳамчун як санади мукаммал қабул карда шавад» (саҳ. 166).

Шароити муосири геополитикӣ ва афзоиши ҷиноятҳои экстремистӣю террористӣ ва ҷиноятҳо дар фазои маҷозӣ тақозо мекунад, ки мафҳум ва ҳудудҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин намуди кирдорҳо аз нав муайян карда шаванд. Ин барои таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаётан муҳим аст. Тавре муаллифи таҳқиқот ишора менамояд, «дар шароити муосир терроризм яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, давлатҳо пайваста қонунгузории худро дар самти муқовимат ба терроризм такмил медиҳанд» (саҳ. 176).

Ҳамин тавр, таҳқиқи умуминазариявии ҷавобгарии ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки ин падида на танҳо ҳамчун як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ, балки ҳамчун як институти мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ки ҳадафаш таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва адолати иҷтимоӣ мебошад, баррасӣ карда шавад. Дар маҷмуъ, таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқ Шодизода Н.М., ки ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ бахшида шудааст аз ҳар ҷиҳат мубрам буда, барои назария ва амалияи ҳуқуқшиносии ватанӣ, ба хусус дурнамои рушди институти ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳаммияти баланди илмию амалиро доро мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Н.М. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи таҳқиқоти диссертатсионие мебошад, ки ҷанбаҳои умуминазариявии ҷавобгарии ҷиноятиро фаро мегирад. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки дар он бори аввал дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ консепсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ на ҳамчун институти алоҳидаи соҳавӣ, балки ҳамчун ҷузъи ҷудонашаванда ва калидии низоми умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Навгонии таҳқиқот инчунин дар муайян кардани мақоми ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таносуби он бо дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ (маъмурӣ, интизомӣ ва маданӣ ва ғ.) дар заминаи ислоҳоти ҳуқуқии муосир таҷассум меёбад.

Дарачаи баланди ҳалли вазифаҳои илмӣ дар диссертатсия тавассути низоми нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда таҷассум ёфтааст, ки онҳо натиҷаи таҳлили амиқи сарчашмаҳои бисёрзинагии ҳуқуқӣ мебошанд. Муаллиф бо такя ба адабиёти ҳуқуқии ватанию хориҷӣ ва таҳлили қонунгузории кишвар, тавонистааст навгонии илмии корро асоснок намояд. Истифодаи самаранок аз назарияҳои муосири муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ замина гузошт, ки хулосаҳои диссертант дар қолаби нуқтаҳои нав ва мустақили илмӣ шакл гирифта, ҷойгоҳи хоси худро дар соҳаи дахлдори ҳуқуқ пайдо кунанд

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Бояд таъкид намуд, ки натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои илмии таҳқиқоти мазкур дар заминаи таҳлили амиқи муқоисавӣ бо дидгоҳҳои олимони барҷастаи ватанию хориҷӣ ва дар мутобиқати комил бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда таҳия шудаанд. Муаллиф ҷиҳати тасдиқи фарзияҳои илмии худ доираи васеи сарчашмаҳои муътамад, аз ҷумла монографияҳо, диссертатсияҳо, мақолаҳои тақризшаванда ва асноди таърихию ҳуқуқиро мавриди истифода қарор додааст. Ҳамзамон, андешаҳои илмие, ки дар диссертатсия инъикос ёфтаанд, танҳо хусусияти назариявӣ надошта, балки бар пояи далелҳои раднопазири илмӣ ва заминаҳои ҳуқуқӣ устувор карда шудаанд. Чунин равиши бисёрҷабҳа эътимоднокии методологӣ ва асоснокии илмии пешниҳодҳои диссертантро кафолат дода, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқотро ба таври воқеӣ боло мебарад.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Шодизода Н.М. аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишорот аз рӯйи диссертатсия иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «Мафҳум ва намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми бобӣ мазкур – «Мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шароити инкишофи нуқтаҳои назарии илмӣ-методологӣ», муаллиф дар асоси таҳлили андешаи олимони дохиливу хориҷӣ, паҳлуҳои баҳсбарангез ва муҳимми мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро баррасӣ намуда, аз нигоҳи илмӣ нуқтаи назари муаллифиашро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ ибрози андеша намудааст, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд, ки дар шакли маҳрумсозии дорои хусусияти шахсӣ, ташкилӣ ё молӣ ифода ёфтаанд» (саҳ. 29).

Диссертант андешаҳои гуногуни олимонро оид ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз нигоҳи методологӣ мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаҳои илман асоснок манзур кардааст. Ӯ ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқии позитивӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот хулосабарорӣ намуда, мафҳуми муаллифонаи ҷавобгарии ҳуқуқиро чунин пешниҳод кардааст: ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин чораи маҷбуркунии давлатии бо қонун муқарраршудае мебошад, ки дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии содиршуда, ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои он (барқарор намудан ва ё сазо кашидан аз кирдори худ) ба шахси ҳуқуқвайронкунанда нигаронида шудааст (саҳ. 39).

Дар зербоби дуюми боби якум – «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ», муаллифи диссертатсия бо назардошти андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мафҳум, таснифот ва шаклҳои амалисозии онҳоро баррасӣ намудааст. Дар таҳқиқоти мазкур таҳлили функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавқеи марказиро ишғол намуда, муаллиф тавонистааст моҳияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ин падидаро ҳамаҷониба кушода диҳад. Муаллиф функсияҳои ҷавобгариро на танҳо ҳамчун

воситаи ҷазодиҳӣ, балки ҳамчун механизми мураккаби танзимкунанда ва тарбиявӣ баррасӣ намудааст, ки ин аз дидгоҳи муосир ва амиқи илмии ӯ шаҳодат медиҳад.

Ба андешаи муаллиф, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тарзу воситаҳои таъсиррасонанда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ эътироф гардида, зимни чунин таъсиррасонӣ мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Яъне, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба мақсадҳои ҷавобгарӣ вобастагии зич дошта, якдигарро пурра менамоянд (саҳ. 48). Муаллиф бо маҳорати баланди таҳлилӣ собит намудааст, ки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар иртиботи зич бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда қарор дошта, татбиқи дурусти онҳо кафолати адолати иҷтимоӣ ва волоияти қонун мебошад.

Андешаҳои муаллиф дар мавриди функсияҳои сазодиҳӣ, барқароркунанда, тарбиявӣ ва пешгирикунанда дар заминаи таҳлили муқоисавии адабиёти илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври муътамад асоснок карда шудаанд. Хусусан, таъкиди диссертант ба функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ба ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои нав нигаронида шудааст, арзиши баланди назариявӣ дорад.

Дар зербоби сеюми боби якум – «Намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ: нуқтаҳои назари мубоҳисавӣ», масъалаи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, муаллиф ба нуқтаҳои назари мубоҳисавӣ дар ин самт таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Муаллиф зимни баррасии таснифоти анъанавии ҷавобгарӣ, аз қабили ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ ва маданӣ, баҳсҳои илмиеро, ки дар атрофи пайдоиши намудҳои нави ҷавобгарӣ, аз қабили ҷавобгарии конститутсионӣ, молиявӣ ва оилавӣ мавҷуданд, ба таври возеҳ инъикос намудааст.

Ба андешаи муҳаққиқ, «дар замони муосир муносибатҳои ҷамъиятӣ бо суръат тараққӣ карда, намудҳо ва шаклҳои нави муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқӣ пайдо шуда истодаанд, ки таҳқиқотҳои илмии

ҷудогонаро тақозо менамоянд. Яке аз чунин гурӯҳи муносибатҳо ин ҷудо гардидани зерсоҳаҳои ҳуқуқ ба соҳаҳои мустақил, рушд ёфтани соҳаҳои комплексии ҳуқуқ ва дар ин замина пешниҳод гардидани намудҳои нави ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба рушди ин соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Аз ин рӯ, дар баробари ҷавобгарии ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, интизомӣ, намудҳои дигари он пешниҳод гардида истодаанд. Ба монанди, ҷавобгарии конститутсионӣ, экологӣ, молиявӣ, моддӣ, соҳибкорӣ, оилавӣ, байналмилалӣ ва м.и.» (саҳ. 86).

Муаллиф бо маҳорати баланди илмӣ андешаҳои мухталифи олимонро дар мавриди ҷудо намудани ҷавобгарии моддӣ ва мурофиавӣ муқоиса намуда, мавқеи худро дар асоси таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва заминаҳои назариявӣ асоснок намудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки муаллиф на танҳо бо андешаҳои мавҷуда маҳдуд шудааст, балки дар баҳсҳои илмӣ оид ба меъёрҳои фарққунандаи таснифоти ҷавобгарӣ фаъолона ширкат варзида, пешниҳодҳои ҷолиб намудааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ» ном гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур – «Мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ» диссертант дар рафти таҳқиқоти худ ба нуктаҳои баҳсноки мафҳум, мазмуну моҳият ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо назардошти таҳлили андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ хулосаҳои илман асоснок пешкаш намудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ қайд намудааст, ки «Масъалаҳои назариявӣ доир ба дарки ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба он алоқаманд мебошанд, ки то имрӯз фаҳмиши умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ, равишҳои мухталифи қонунгузорӣ барои муайян намудани мафҳум, моҳият, мақсад ва шаклҳои амалишавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба гузаронидани таҳқиқотҳои илмиро тақозо менамояд» (саҳ. 101).

Муаллифи таҳқиқот ҳамзамон хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятиро, ки тавассути онҳо аз дигар намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ фарқ кунонида

мешавад, мавриди таҳлили ҷиддӣ қарор дода, дар ниҳоят 7 номгӯйи хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятиро аз дидгоҳи муаллифонаи худ пешкаш намудааст, ки дорои аҳаммияти баланди илмӣ мебошанд.

Зербоби дуюми боби дуюм – «Принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ» номгузорӣ гардидааст. Диссертант дар ин қисмат як таҳлили муназзам ва амиқи назариявиро дар мавзуи принсипҳои умумӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ анҷом додааст. Муаллиф тавонистааст ҷавобгарии ҷиноятиро на танҳо ҳамчун институти маҷбуркунии давлатӣ, балки ҳамчун низоми мураккаби арзишҳо, ки ба адолат ва волоияти қонун асос ёфтаанд, баррасӣ намояд. Аз ҷумла, муаллиф хулосабарорӣ намудааст, ки «Таҳти мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ асосҳои ибтидоӣ, ғояҳои роҳбарикунандае фаҳмида мешавад, ки дар асоси онҳо мазмун ва самти ҳуқуқи ҷиноятӣ муқаррар гардида, онҳо ҳамчун муқарраароти меъёрӣ дар меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам карда мешаванд» (саҳ. 107).

Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф оид ба масъалаи принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ дорои арзиши баланди илмӣ-назариявӣ мебошад, зеро он принсипҳоро ҳамчун воситаи маҳдудкунандаи ҳокимияти давлат нишон медиҳад. Аз таҳқиқот бармеояд, ки муаллиф тавонистааст алоқамандии зичи принсипҳои қонуният, адолат ва гунохро ҳамчун принсипҳои марказии ҷавобгарии ҷиноятӣ асоснок намояд.

Боби сеюми диссертатсия – «Такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ» аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби мазкур – «Такмили ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар партави сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», диссертант ба таҳлили мафҳуму моҳияти сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои он, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии он пардохтааст. Аз ҷумла, муаллифи рисола қайд намудааст, ки «Самаранокии татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ аз шаклҳо, усулҳо ва тарзу воситаҳои мухталиф иборат буда, он на танҳо дар доираи санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ, балки дар доираи таҳқиқотҳои илмӣ низ муайян карда мешаванд», (саҳ. 150). Муҳаққиқ ҳамзамон, консепсияҳо ва барномаҳои давлатии қабулшуда ва амалкунандаро дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ таҳлилу омӯзиш намуда, мушкилоти ҷойдоштаро дар ин самт муайян ва чораҳои такмил додани онҳоро пешкаш намудааст, ки дорои арзиши баланди илмию амалӣ мебошанд.

Зербоби дуюми боби сеюм «Проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ» номида шудааст. Дар қисмати мазкур муаллифи таҳқиқот қонунгузории амалкунандаро дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, мушкилоти ҷойдоштаи онҳоро ошкор ва ҷиҳати такмил намудани онҳо тавсияҳои судманд манзур кардааст. Аз ҷумла, муаллифи рисола иброз медорад, ки «новобаста аз тағйиру иловаҳои зиёд ворид кардан ба қонунгузории ҷиноятӣ мазмуну сохтор ва меъёрҳои он ба муносибатҳо ва талаботҳои ҷомеаи муосир мувофиқ намебошад. Зеро аз як тараф аз қабули он солҳои зиёд гузашта, меъёрҳои он кӯҳна гардидаанд ва аз тарафи дигар дар натиҷаи тағйиру иловаҳои зиёд меъёрҳои он ҷозибаи худро гум кардаанд. Бо ин назардошт зарурати қабули Кодекси нави ҷиноятӣ пеш омадааст» (саҳ. 162). Тавре таҳқиқоти муаллиф нишон медиҳад, он аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дошта, муаллиф тавонистааст мушкилоти мубрами қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври амиқ таҳлил намояд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои васеъ ва ҳамаҷонибаи илмӣ ба диссертант имконият фароҳам омадааст, ки хулоса ва пешниҳодҳои муҳимми илмӣ дар самти таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод намояд, ки онҳо дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳангоми таҳияи лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Н.М. аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро таҳқиқот ба ташаккули заминаҳои назариявӣ барои

гузариш аз сиёсати сирф ҷазодиҳӣ ба сиёсати барқарорсозии адолат ва гуманизатсияи ҷавобгарии ҷиноятӣ кӯмак мекунад. Ин имкон медиҳад, ки мафҳуми ҷавобгарӣ дар замони муосир аз нав тафсир карда шавад. Аҳаммияти илмии таҳқиқот ҳамзамон дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи рисола зимни таҳқиқоти худ мафҳуми муаллифони ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, функсияҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятиро пешниҳод намуда, асосҳои таснифоти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва сиёсати давлатии ҳуқуқии ҷиноятиро асоснок намудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот метавонанд мустақиман дар таҳияи лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда истифода шаванд, ки ин боиси рафъи баъзе холигиҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти мазкур барои муайян кардани таносуби байни «арзиши» ҷиноят (зарари ба иқтисодиёт расида) ва «арзиши» вокуниши давлат (ҷавобгарии ҷиноятӣ) имконият фароҳам меоварад. Аз нигоҳи назариявӣ, такмили механизми ҷавобгарии ҷиноятӣ боиси коҳиш ёфтани «иқтисодиёти пинҳонӣ» ва коррупсия мегардад, ки ин дар навбати худ самаранокии истифодаи захираҳои давлатиро баланд бардошта, заминаи устувори рушди иқтисоди миллиро ба вуҷуд меорад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур асосҳои назариявии ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун воситаи барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшудаи шаҳрвандон таҳким мебахшад. Ин боиси афзоиши эътимоди мардум ба низоми ҳуқуқӣ ва давлат гардида, ҳисси амнияти ҳуқуқиро дар ҷомеа ба вуҷуд меорад, ки барои суботи иҷтимоӣ зарур аст. Ҳамзамон, тавассути такмили назарияи ҷавобгарии ҷиноятӣ, таҳқиқот роҳҳои самараноки пешгирии ҷинояткориро муайян мекунад.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 22 мақолаи

илмӣ омода ва нашр намудааст, ки 10 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Бояд қайд намуд, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Шодизода Н.М. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, инчунин мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Шодизода Н.М. дар баробари доштани ҷанбаҳои зиёди мусбат, инчунин аз баъзе масъалаҳои баҳсбарангез холӣ намебошад, аз ҷумла:

1. Муаллиф мафҳуми ҷавобгарии ҷиноятиро дар саҳифаҳои 87-101 таҳқиқоти диссертатсионӣ асосан аз дидгоҳи назарияи умумии ҳуқуқ таҳлил намуда, ба масъалаҳои моҳият, нишонаҳо ва хусусиятҳои он таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия робитаи масъалаҳои назариявӣ бо амалияи муосири ҳуқуқтатбиқкунӣ ва фаъолияти мақомоти судӣ ба таври кофӣ инъикос нагардидааст. Аз ҷумла, таҳлили санадҳои судӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ, мавқеи мақомоти тафтишотӣ ва таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ

дар амал маҳдуд ба назар мерасад. Ҳол он ки омӯзиши таҷрибаи амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ метавонист дурустии хулосаҳои назариявии муаллифро тақвият бахшида, ҷанбаҳои баҳсталаби мавзуъро равшантар намояд. Илова бар ин, таҳлили мушкилоти амалии татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар шароити муосир, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба инфиродисозии ҷавобгарӣ, татбиқи принсипи адолат ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам баланд мебардошт.

2. Гарчанде дар умум принсипҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, робитаи онҳо бо механизмҳои амалӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва нақши онҳо дар таъмини адолати иҷтимоӣ ба таври мукаммал ва амиқ таҳлил нагардидааст. Хусусан, татбиқи амалии принсипи қонуният ва адолат дар санадҳои ҳуқуқтатбиқӣ кофӣ инъикос наёфтааст.

3. Муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ қайд месозад, ки «ворид намудани меъёрҳои дахлдор ба қонунгузорӣ метавонад заминаи ҳуқуқиро барои истифодаи васеи технологияҳои муосир дар самти муқовимат ба терроризм фароҳам оварад (саҳ. 178). Андешаи мазкур каме норавшан буда, маълум нест, ки муаллиф дар хусуси кадом меъёрҳо, кадом қонунгузорӣ ва кадом технологияҳои муосир сухан карда истодааст. Бинобар ин, муаллифро зарур аст, ки зимни ҳимояи ошкорои дисертатсия андешаи худро асоснок намояд.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаи баррасишаванда муҳим мебошанд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ ва сазовори баҳои баланд мебошад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» ба талаботи бандҳои 31,

33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Профессори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ғ.Н. Қодирзода

Имзои Қодирзода Ғ.Н.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия А.Р. Саидзода

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов 3; телефон: +992 (37) 226-60-42. факс: +992 (37) 226-60-43; сомона www.avkd.tj; E-mail: avkd.tj@mail.ru

«29» 05 соли 2026